**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Сайдализода Рустам Абдулло дар мавзуи «Бадоеъ-ул-ваҷоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI», ки барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.5. – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ**

Автореферати диссертатсияи Сайдализода Рустам Абдулло ба яке аз мавзуъҳои муҳими илми таърихи ватанӣ омӯзиши саҳифаҳои мероси арзишманди маънавии гузаштагон дар мисоли «Бадоеъ-ул-ваҷоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI» бахшида шудааст.

Автореферати диссертатсияи Сайдализода Рустам Абдулло нишон медиҳад, ки муаллиф масъалаи мавриди таҳқиқро ба таври ҳамаҷониба ва илмӣ таҳқиқ кардааст.

Дар шароити рушди таърихнигории ватанӣ ва зарурати арзёбии мероси илмии таърихӣ омӯзиши осори мутафаккири тоҷик Зайниддин Маҳмуди Восифӣ аҳаммияти махсуси илмӣ ва амалӣ дорад.

Муаллиф дар асоси таҳлили осори Зайниддини Восифӣ кӯшиш намудааст, ки накши ӯро дар омӯзиши паҳлуҳои гуногуни ҳаёти илмӣ, фарҳангӣ, ичтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии мардуми ҳудудҳои Хуросону Мовароуннаҳр дар охирҳои асри XV ва ибтидои асри XVI муайян созад.

Дар автореферат мақсад, вазифаҳо, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот ба таври равшан ифода ёфтаанд.

Мубрамии таҳқиқот дар он зоҳир мешавад, ки масъалаи мазкур то ҳол дар таърихнигории таърихи халқи тоҷик объекти алоҳидаи таҳқиқот қарор нагирифтааст, ки илми таърихи ватанӣ дар замони ҳозира марҳалаи аз нав арзёбии бисёр далелҳо ва воқеаҳоро аз сар мегузаронад, ки муаллиф бо дастрасии маводҳои қаблан дастнорас, махсусан сарчашмаҳои таърихӣ маҳфузбударо дастрас намуда, дар муқоиса бо маводҳои қаблан нашршуда мавриди истифода қарор додааст.

Дараҷаи омӯзиши таҳқиқи мавзуъ дар он зикр мегардад, ки то ҳанӯз ҳаёту фаъолият ва осори мутафаккири тоҷик Зайниддин Маҳмуди Восифӣ мавриди таҳқиқи муфассал ва алоҳида карор нагирифтааст. Танҳо баъзе мақолаҳо ва таҳқиқоти алоҳидаро зикр кардан мумкин аст, ки онҳо имкони инъикоси тамоми паҳлуҳои «Бадоеъ-ул-ваҷоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи

таърихӣ-этнографии ҳудуди Хуросон ва Мовароуннаҳрро фароҳам наменамоянд.

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот омӯзиши «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI» таҳқиқи масъалаҳои мубрами таърихи ҳудуди Хуросон ва Мовароуннаҳр ба шумор меравад, ки муаллифи диссертатсия пурра мақсаду вазифаҳои дар наздаш гузошташударо иҷро намудааст.

Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқро усулҳои умумиилмии таърихӣ ва объективияти илмӣ ташкил медиҳанд. Чунончӣ дар рафти таҳқиқ равишҳои махсуси илмӣ-таърихӣ, проблемавӣ-хронологӣ, муқоисавию таърихӣ, таърихӣ-типологӣ, таҳлили таърихнигорӣ мавриди корбурд қарор дода шуданд.

Навгони илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки он нахустин таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба омӯзиши «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI» мебошад. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки тарзи зист, машғулият, урфу одат, низоъҳои мазҳабӣ, варзиши бадан, ченакҳои дарозию вазн, маросимҳои мардумиро дуруст инъикос намуда, саҳми мардуми ин минтақаро дар густариши масъалаҳои фарҳангӣ дар ин сарзамин нишон дода ва муқоисаи он ба осори муҳаққиқони дигар мавриди таҳлилу омӯзиш қарор диҳад.

Аҳаммияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқ аз он иборат аст, ки натоиҷи таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро метавон дар омӯзишу таҳлили марҳилаҳои мубрами таърихи халқи тоҷик, фарҳанг, таҳияи асарҳои таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ махсусан, вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳудудҳои Хуросону Мовароуннаҳр дар охири асри XV ва ибтидои асри XVI истифода намуд.

Тавре аз автореферати диссертатсия бармеояд, рисола аз мундариҷа, муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса ва рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Автореферат бо забони равон, илмӣ таҳия шудааст, ки аз сатҳи баланди омодагии илмии муаллиф ва дониши методологиву таҳлилии ӯ шаҳодат медиҳад. Аз банду баст ва муҳтавои автореферат муайян мегардад, ки диссертатсияи мазкур мувофиқ ба талаботи мавҷудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шуда, ҷавобгӯи он мебошад.

Муаллиф оид ба мавзуи диссертатсия 1 монография ва 6 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақолаи илмӣ дар маҷмуи мақолаҳои конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ба нашр расонидааст.

Хулосаҳо ва тавсияҳои амалӣ, ки дар ҷараёни ин таҳқиқот баён гардидаанд, бо далелҳои муътамад ва асосҳои илмӣ пурра тасдиқ ва тақвият ёфтаанд.

Автореферати диссертатсияи Сайдализода Рустам Абдулло дар мавзуи «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI», бо риояи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият дароварда шудааст. Довталаби дараҷаи илмӣ зимни таҳия талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ»-ро, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493 тасдиқ шудааст, пурра ба инобат гирифтааст.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи дар «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Ҳамин тавр, бо такя ба муҳтавои автореферати диссертатсия метавон ба хулоса омад, ки ин таҳқиқот дар сатҳи баланд анҷом ёфта, муаллиф сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.5. – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда, номзади илмҳои таърих,**
**и.в.дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва фанҳои**
**гуманитарии Донишгоҳи инноватсия**
**ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон:** **Шарифов Ш.Ҷ.**

**«Имзои номзади илмҳои таърих, и.в дотсент**
**Шарифов Ш.Ҷ.–ро тасдиқ менамоям»**

**Сардори раёсати рушди кадрҳо**
**ва коргузории ДИТРТ** **Мухторзода С.Г.**

«22» 09 соли 2026

**Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш. Кӯлоб – 735360, маҳ. Борбад, тел: (83322) 2-13-67, факс: (992-83322) 2-08-46**
Сомонаи расмӣ: **_E-mail: uidt(@)list. ru**